**25.04.2018**

Вазири мудофиаи Точикистон генерал-полковник Шералӣ Мирзо чихати иштирок дар машварати вазирони мудофиаи кишвархои узви Созмони хамкории Шанхай ба Пекин рафт.

Вазирони мудофиаи Точикистон, Русия, Хиндустон, Казокистон, Киргизистон, Чин, Покистон ва Ӯзбекистон имрӯз, 24 апрел атрофи масъалахои рӯзмарраи таъмини амнияти байнулмилалӣ ва минтакавӣ табодули назар мекунанд.

Дар машварат тадбирхои муштарак оид ба хамохангсозии талошхо барои вокуниши муносиб ба тахдиду хатархои нав дар минтакаи зери масъулияти СХШ баррасӣ мешаванд.

Зимни машварат хамчунин аз хамкорихои низомӣ дар соли гузашта натичагирӣ шуда, самтхои минбаъдаи хамкорихои мутакобилаи харбӣ дар доираи Созмон баррасӣ мешаванд.

Гайр аз ин, аз чониби иштирокчиёни машварат огоз бахшидан ба фестивали мусикӣ-харбии кишвархои узви СХШ дар назар аст.

Ёдрас мекунем, ки чаласаи Шӯрои сарони кишвархои узви Созмони хамкории Шанхай мохи июни соли 2018 дар Чин баргузор мешавад.